# ПРОТОКОЛИ

## ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 06.05.2021 №05 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: 17 нафар аъзоён

РӮЗНОМА:

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Холмуродов Манучеҳр Ғуломҳайдарович дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии таълими омодагии ибтидои ҳарбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

ШУНИДА ШУД:

Ҷаласаро роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллоева П. кушода эълон намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос кард ва суханро ба унвонҷӯ Холмуродов М.Ғ. барои маърӯза оид ба мухтавои таҳқиқоти диссертатсиониаш дод.

Холмуродов М.Ғ. оид ба мубрамияти мавзӯъ, сатҳи омӯзиши илмии мавзӯъ, мундариҷаи мухтасари бобу қисматҳои диссертатсия ва натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишии гузаронидааш мухтасар маърӯза кард ва ба саволҳои пешниҳодкардаи иштирокчиёни ҷаласа: д.и.п. Раҳимзода Х., н.и.п. Маҳкамов Д., н.и.п. Қурбонов С., н.и.п. Котибова Ш., н.и.с. Назиров Н. ҷавобҳои муфассал дод.

Сипас муқарризони холдиси диссертатсия: Маҷидова Б.- доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Махкамов Дастам – номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ мухтасар андешаву мулоҳизаҳои худро оид ба сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ иброз намуда, дар маҷмуъ ба диссертатсия баҳои мусбат доданд ва диссертатсияро барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ тавсия карданд.

Иштирокчиёни ҷаласа Раҳимзода Х., Давлатшоев И., Тоҳириён Ш. ва дигарон ба музокира баромада, андешаҳои худро оид ба таҳқиқоти диссертатсионии Холмуродов М.Ғ. баён сохта, диссертатсияро мусбат арзёбӣ карданд.

Баъд раиси ҷаласа Лутфуллоева П. андешаҳои ироанамудаи муқарризон иштирокчиёни ҷаласаро ҷамъбаст карда, аз ҷумла қайд кард, ки мавзӯи интихобнамудаи Холмуродов Манучеҳр Ғуломҳайдарович «Хусусиятҳои педагогии таълими омодагии ибтидои ҳарбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» хеле мавзӯи муҳим буда, айни замон омӯзгорони омодагии ибтидои ҳарбии муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт бешак ниёз доранд ва диссертатсия барои ташхиси давраи сеюм ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ бо дарназардошти тавсияву пешниҳоди муқарризон ва фикру мулоҳизаҳои пешниҳоднамудаи дигар иштирокчиён

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Холмуродов Манучеҳр Ғуломҳайдарович дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии таълими омодагии ибтидои ҳарбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» кори мустақилона бaанҷомрасида ҳисобида шуда, барои ҳимоя дар шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Раиси ҷаласа, роҳбари семинари илмӣ- методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, номзади илмҳои педагогӣ — Лутфуллоева П.

Муқарризон:

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Маҷидова Б.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Махкамов Д.

Котиби семинари илмӣ- методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, номзади илмҳои педагогӣ — Ҷонмаҳмадова Г.

Имзои П. Лутфуллоева, Б. Маҷидова, Д. Махкамов ва Г. Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ — Ҳакимова Х.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО